**“ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ”**
Директори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, д.и.и., профессор, академики АИКТ
_______________ Пиризода Ҷ.С.
«_18_» _октябри_ соли 2025

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба кори диссертатсионии Ҳакимзода Маъруф Маҳмудӣ дар мавзуи *“Механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар минтақа: назария, методология, амалия (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)”,* барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Натиҷаҳои таҳқиқот ба нуктаҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (илмҳои иқтисодӣ): ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мутобиқат мекунад: 1.1. Инкишофи назарияҳои иқтисодиёти маконӣ ва минтақавӣ; усулҳо ва фишангҳои тадқиқоти иқтисодии маконӣ; эконометрикаи қаламравӣ; ташхиси низомии мушкилот ва ҳолатҳои минтақавӣ; 1.2. Тақсимоти қаламрави захираҳои иқтисодӣ; ҷиҳати назариявӣ; методӣ ва амалии ҷойгиркунии корхонаҳо, фирмаҳои бизнеси хурд ва миёна, кластерҳои иқтисодӣ, корхонаҳои бахши ҷамъиятӣ, хоҷагиҳои хонавода; 1.9. Баҳодиҳии нақши минтақаҳо дар иқтисодиёти миллӣ (нишондодҳо, усулҳо, методологияи таҳлил); махсусгардонии истеҳсолии минтақаҳо; сохтори иқтисодӣ аз ҷиҳати макон, қонуниятҳои дигаргуншавии он; сиёсати сохторӣ ва азнавсозии сохторӣ; 1.24. Рушди комплекси агросаноатӣ дар минтақаҳо, хусусиятҳои минтақавӣ ва маконии инкишофи хоҷагии кишоварзӣ.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқ.**

Дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ яке аз роҳҳои муҳим ва афзалиятноки таъмини бехатарии озуқаворӣ ва расидан ба ҳадафҳои стратегии рушди инноватсионии кишвар татбиқи самараноки консепсияи воридотивазкунӣ ва ба ҳамин васила коҳиш додани вобастагӣ аз маҳсулоти воридотивазкунӣ ба ҳисоб меравад. Консепсияи воридотивазкунӣ ба унвони стратегияи мутобиқгардонии бахшҳои иқтисодиёти миллӣ ба талаботи фазои рақобатӣ шинохта шудааст, ки имкон медиҳад тавонмандии истеҳсолкунандагони ватаниро ботадриҷ таҳким бахшида, сатҳи рақобатпазирии онҳоро боло бардорад. Аз нигоҳи муаллиф, Консепсияи мазкур дар шароити кишварҳое, ки аз

нигоҳи рушди инноватсионӣ ба таври назаррас қафо мондаанд ва наметавонанд молу маҳсулоти комилан навро бо унвони афзалияти рақобатии худ ба бозор пешниҳод намоянд, ба сифати механизми мутобиқгардонӣ дар як марҳалаи муайяни инкишофи иқтисодӣ тавсия мешавад.

Қобили қайд аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он низ таъмини рушди иқтисодӣ, ҳалли муаммоҳои микро ва макроиқтисодӣ, нахуст коркарди назарияҳо ва маҷмуи чораҳои амалиро тақозо менамояд, ки барои дастрасии рушди устувори бахши воқеии иқтисодӣ, инчунин комплекси озуқаворӣ мусоидат менамояд.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки баҳри амалӣ намудани ҳадафҳои стратегияи давлатӣ, инчунин таъмини амнияти озуқаворӣ, гузариш аз иқтисодиёти аграрӣ ба иқтисодиёти индустриалӣ-аграрӣ дар ҳар як минтақаи алоҳидаи ҷумҳурӣ ташаккули заминаҳои илмӣ-амалӣ масъалаи мубрам дар илми иқтисодии ватанӣ мебошад. Муаллиф қайд менамояд, ки вазъияти соҳаҳои комплекси озуқаворӣ, самаранокӣ ва устувории онҳо, амнияти озуқавориро дар иқтисодиёти мамалакат муайян менамоянд. Ба ақидаи муаллиф диққати махсус додан ба рушди устувори комплекси агроозуқаворӣ шарти асосӣ барои кишварҳо маҳсуб меёбад, ки дар ин самт иқтидори истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ низ маҳдудиятҳо дорад.

Агар ба вазъи имрӯза ниғарем, маълум мегардад, ки дар оғози ислоҳотҳои бозорӣ бо рушди муносибатҳои нави бозорӣ, раванд ва оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ чун дар дигар соҳаҳои хоҷагии халқ, дар соҳаи кишоварзӣ ва комплекси озуқаворӣ низ муаммоҳои зиёд пайдо гардидааст. Алалхусус, қафомонӣ дар техника ва технология, коҳишёбии сармоягузорӣ, баланд шудани хароҷот барои истеҳсоли маҳсулот ва дар ниҳоят пастшавии рақобатпазирии соҳаи комплекси озуқаворӣ, на танҳо дар бозори дохилӣ, инчунин дар бозори беруна низ ба миён омад. Маврид ба зикр аст, ки мавҷуд набудани консепсияи аниқи инкишофи комплекси озуқаворӣ барои пастшавии минбаъдаи истеҳсоли молу маҳсулот, вайроншавии ҳамгироии алоқаҳои хоҷагидорӣ дар сатҳи маҳалҳо, бадшавии коопертсияи байнисоҳавӣ, ҳавасманд нагардидани сармоягузорони имконпазир хатари ҷиддӣ дошт.

Дуруст қайд шудааст, ки аз соли 2006 “Таъмини амнияти озуқаворӣ” ҳамчун ҳадафи стратегии давлат эълон карда шуда, то ҳоло амалӣ шуда истодааст. Дар мамлакат вобаста ба ин, ҳуҷҷати мақсаднок «Барномаи рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030» қабул карда шудааст. Барномаи мазкур бо мақсади давом додани ислоҳоти аграрӣ, таъминоти шароитҳои мусоид барои пешрафти соҳаи кишоварзӣ, баланд намудани маҳсулнокӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ, истифодабарии самараноки об ва энергия, рушди устувор, баланд намудани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ва амнияти озуқавории мамлакат коркард шудааст мусоидат менамояд.

Таҳлилҳои овардашудаи муаллиф дар масъалаи механизмҳо, ки омили асосӣ дар таъмини рушди устувори комплекси озуқавории

вилояти Суғд махсум меёбанд ва барои амалӣ намудани механизмҳои овардашуда нақши калидӣ мебозанд, тадбири амалҳои зеринро зарур мешуморад: дастгирии давлатии корхонаҳои кишоварзӣ; беҳтар гардонидани инфрасохтори истеҳсолӣ, иҷтимоӣ дар деҳот; баланд бардоштани музди меҳнати соҳаи кишоварзӣ; ташаккулёбии муҳити ташкилӣ-ҳуқуқӣ барои фаъолияти самараноки субъектҳои хоҷагидори комплекси озуқаворӣ; ташкили бозори яклухти озуқаворӣ; сиёсати дастгирии нархии маҳсулоти комплекси озуқаворӣ; ҳамкории илм бо истеҳсолоти комплекси озуқаворӣ; равнақ додани фаъолияти бозорҳои наздисарҳадии маҳсулоти кишоварзӣ.

Бинобар ин, бояд қайд намоем, ки таъмини шароит барои рушди устувори комплекси озуқаворӣ, ғанигардонии бозори минтақа бо маҳсулоти озуқаворииi рақобатпазири коркарди пурра ва таъминоти амнияти озуқаворӣ дар ҳар як шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ масъалаи муҳим арзёбӣ карда шудааст. Вазъиятҳои номбурда оид ба муҳиммият ва саривақтии интихоби мавзуи таҳқиқот шаҳодат дода, бо асосноккунии дурнамои рушди соҳаҳои комплекси озуқаворӣ ва коркарди самтҳои сиёсати агроозуқаворӣ дар ҷодаи таъминоти озуқаворииi вилоят алоқамандии зич доранд. Таҳқиқоти мазкур аҳамият ва мубрамияти мавзуи илмии интихобшударо асоснок менамояд.

**3. Дараҷаи асоснокунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.**

Дар раванди таҳияи механизми танзими давлатии фаъолияти устувори комплекси озуқаворӣ, муаллиф равишҳои такмили методологӣ низомбандӣ намудани услубҳои арзёбии бехатарии озуқаворӣ ва гурӯҳбандии нишондодҳои он дар иқтисодиёти минтақа, усули коркардшудаи арзёбии самаранокии муносибатҳои иқтисодӣ дар комплекси озуқаворииi минтақа ва хусусиятҳои бозорро ба таври мақсаднок интихоб ва татбиқ намудааст. Такмили методологияи арзёбии он, коркарди механизму тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба таъмини рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар минтақа мусоидат менамояд. Тибқи он комплекси озуқаворииi минтақа, ин низоми ба ҳам алоқаманди соҳаҳои вилояти Суғд оид ба таъмини амнияти озуқаворӣ, ки бевосита бо истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ва истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ истифода мебаранд.

Ин равиш имкон додааст, ки таҷрибаи кишварҳои дигар дар самти рушди устувори комплекси озқаворӣ минтақавӣ ва сиёсати ҳавасмандгардонӣ омӯхта шуда, ба шароити бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Суғд мутобиқ карда шудаанд. Дар доираи ин стратегия, усулҳои таҳлилӣ ва амалии ташкилӣ-иқтисодии рушди устувори комплекси озуқаворӣ ба таври мукаммал истифода шуданд.

Асоснокии хулосаҳо ва тавсияҳои рушди устувори комплекси озқаворӣ, ки дар Консепсия пешниҳод шудаанд, аз таҳлили амиқ ва бисёрҷанба бар меоянд. Муаллиф бо истифода аз таҷриба ва таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки дар самтҳои дастгирии давлатии

истеҳсолоти комплекси озуқаворӣ, исботнамудани гуногунҷанбагии равияҳо оид ба рушди рушди устувори комплекси озуқаворӣ ва муайян намудани принсипҳои ташаккулёбӣ, бо назари таҳлилгарона равишҳои муассирро интихоб намудааст.

Дар таҳияи механизми танзими давлатии фаъолияти устувори комплекси озуқаворӣ барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти озуқаворechii минтақа чунин чораҳо пешниҳод карда шудааст ва бо дарназардошти маҳдудиятҳо дар имкониятҳои буҷет, истифодабарии усули таснифот аз рӯи сатҳи самаранокии субъектони фаъолияти хоҷагидорӣ ба мақсад мувофиқ мебошад:

**Марҳилаи якум** раванди ташаккулёбии низоми муайяни нишондиҳандаҳоро дар бар мегирад, ки низоми мазкур бо мақсади арзёбии мавҷудияти захираҳои соҳаи кишоварзӣ истифода мешавад. Дар раванди таҳияи низоми мазкур ҳам нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва ҳам нишондиҳандаҳои сифатии таҳлил ва арзёбии сатҳи истифодабарии захираҳо ва гурӯҳҳои он аз рӯи номгӯ, инчунин сатҳи таъминнокии минтақаву маҳалҳо бо захираҳои зарурӣ ба эътибор гирифта мешавад.

**Марҳилаи дуюм** барои дарёфти нишондиҳандаҳои ягонаи истифодабарии иқтидори захиравии соҳаи кишоварзӣ бо дарназардошти ҳамаи омилҳои истеҳсолот равона карда мешавад.

**Марҳилаи сеюм** раванди таҳлил ва арзёбии сатҳи истифодабарии иқтидори захиравии соҳаи кишоварзӣ аз рӯи ҳамаи омилҳои истеҳсолотро дар бар мегирад, ки дар ин ҷода индекси гурӯҳии маҳакҳои арзёбии сатҳи истифодабарии захираҳо мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода мешавад.

**Марҳилаи чорум** равандҳоро дар бар мегирад, ки онҳо барои таснифоти минтақаҳо вобаста ба индекси интегралии истифодабарии иқтидори захиравии соҳаи кишоварзӣ равона карда мешаванд. Таснифот ҳам истифодабарии миқдорӣ ва ҳам истифодабарии сифатии иқтидорро мавриди омӯзиш қарор медиҳад, ки бо баробарии ин минтақаҳо аз рӯи сарҳадҳои амудӣ ва уфуқӣ таснифот мешаванд. Дар баробари истифодаи ин нишондиҳандаҳо барои баҳодиҳии маҷмӯӣ ва пешгӯии самаранокии истеҳсолот дар комплекси озуқаворӣ **модели индексии интегралӣ ё модели DEA (Data Envelopment Analysis)** истифода бурдан имконпазир аст.

Мазмун ва муҳтавои таҳқиқот нишон медиҳад, ки муаллиф ба таври мустақил ва таҳлилгарона маълумоти хоҷагиҳоро, манбаъҳои оморӣ ва таҳқиқоти илмиро ҷамъоварӣ ва бо рушди устувори комплекси озуқаворӣ мувофиқ гардонида, хулосаҳои амалӣ пешниҳод намудааст.

Рушди устувор ҳамчун раванд боҳадаф ба ташаккули заминаҳои институтсионалӣ ва иқтисодие нигаронида шудааст, ки шароити мусоидро барои самаранокии истеҳсолот ва ҳалли масъалаҳои дорои хусусияти иҷтимоӣ фароҳам меорад ва дар ҷараёни таҳлили эҳтиёҷоти озуқаворӣи аҳолии вилояти Суғд мусоидат мекунад.

**4. Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.**

**Навгонии илмӣ** дар ғанӣ гардонидани консепсияҳои тараққиёти иқтисодиёти ҳудудҳо ва соҳаҳо, алалхусус, комплекси озуқаворӣ, такмили методологияи арзёбии он, коркарди механизму тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба таъмини рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар минтақа инъикос меёбад.

Натиҷаҳои асосии илмӣ-назариявие, ки навгонии илмиро ташкил медиҳад, аз унсурҳои зерин иборат аст:

- таъиноти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маконӣ, функсионалии соҳаи комплекси озуқаворӣ дар тамаддуни инсоният низомбандӣ гардида, ба мундариҷаи он саҳеҳӣ ворид карда шудааст. Тибқи он, комплекси озуқавории минтақа низоми баҳамалоқаманди соҳаҳо оид ба таъмини амнияти озуқаворӣ дар минтақа, ки бевосита бо истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ва истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ, ҳамчунин соҳаҳои танзим ва назорати онҳо ба ҳисоб меравад;

- заминаҳои илмии таъмини рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар иқтисодиёти минтақа асоснок карда шудааст, ки он аз: зарурияти ташаккулёбии бозори озуқавории инкишофёфтаи маҳсулоти рақобатпазир, ҳал намудани мушкилоти таъминоти аҳолии минтақа бо озуқавории солим, ташаккулёбии муҳити мусоиди рушд дар деҳот, оқилона ҷойгиркунии комплекси озуқаворӣ тибқи талаботи ояндаи аҳолӣ, тағйирёбии иқлим, хусусияти мавсимии истеҳсолот дар кишоварзӣ, шадидии рақобат дар бозори маҳсулоти озуқаворӣ, сарзаниши таҳдидҳо дар таъмини аҳолии минтақа бо озуқаворӣ иборат мебошад. Дар асоси ин, ба мафҳуми рушди устувори комплекси озуқаворӣ саҳеҳӣ ворид карда шудааст. Тибқи он, ин чунин намуди рушд мебошад, ки имконияти эҳтиёҷоти аҳолиро ҳам дар шароити муосир, ҳам дар ояндаи дарозмӯҳлат бо маҳсулоти озуқавории хушсифат, тибқи меъёрҳои тиббӣ барои қонеъ намудан мусоидат менамояд, ки ҳангоми он ҳифзи муҳити зист, барқароршавӣ ва инкишофи иқтидори заминҳои кишоварзӣ барои давраи оянда таъмин хоҳад гардид;

- дар асосии он асоснок карда шуданд. Аз ҷумла: робитаи зич байни рушди устувори маҷмааи озуқаворӣ ва трансформатсияи сохтории иқтисодиёти минтақавӣ, ки имконият медиҳад, ки раванди рушди устувор ҳамчун ҷузъи таркибии ислоҳоти васеи иҷтимоию иқтисодӣ пешниҳод гардад; ягонагии фазои молиявию иқтисодии минтақаи аграрӣ, ки дар он ҳамоҳангии мутақобилаи соҳаҳо пайвастагии раванди такрористеҳсол ва коҳиши номувозинии институтсионалиро таъмин намояд; зарурати риояи мувофиқат ва ҳамоҳангии манфиатҳои тарафайн; дарки низоммандӣ ва сохтормандии ҳамаи иштирокчиёни маҷмааи озуқаворӣ ба хотири ба даст овардани натиҷаҳои устувори иҷтимоию иқтисодӣ;

- услубҳои арзёбии бехатарии озуқаворӣ низомбандӣ карда шуда, нишондодҳои он гурухбандӣ шудааст. Дар асоси ин, нишондиҳандаи арзёбии самаранокии муносибатҳои иқтисодӣ дар комплекси озуқавории

минтақа коркард карда шуда, имконятҳои истифодаи он дар таҷриба санҷида шудааст;

- арзёбии вазъи муосири комплекси озуқаворӣии вилояти Суғд дар радифи таъмини рушди устувор гузаронида шудааст. Исбот карда шудааст, ки бо ташаккули шакли ташкилӣ-ҳуқуқии гуногун, алалхусус, афзоиши хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ, коҳишёбии масоҳати заминҳои корам мушоҳида мегардад, ки ба бехатарии озуқаворӣ таҳдид эҷод менамояд. Сабабҳои асосии он муфассал карда шудааст, аз ҷумла маҳдудияти молиявӣ, норасогии воситаҳои гардон, сатҳи баланди арзиши воситаҳои қарзӣ, камшавии дастгирии давлатӣ, баландшавии нархи сӯзишворӣ, нуриҳо, душворӣ дар фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, коҳишёбии сатҳи механиконӣ, ҷорӣ нагардидани технологияи интенсивикунонӣ. Муайян гардидааст, ки дар солҳои охир саршумори чорво ва парранда дар вилояти Суғд афзоиш ёфтааст, ки дар таъмини амнияти озуқаворӣ тамоюли мусбӣ аст, вале ҳолати мазкур таҳдид дар самти экологӣ, яъне таъсири манфӣ ба флора ва фауна дорад. Сабабҳои он муайян карда шудааст: маҳдудияти чарогоҳҳо, коҳиш додани ҷангалзорҳо, хусусигардонии доманакӯҳҳо, канда шудани муносибатҳои истифодабарии чароғоҳҳои давлатҳои ҳамсоя ва ғайраҳо;

- исбот карда шудааст, ки амалишавии равандҳои инноватсионӣ дар соҳаҳои комплекси озуқаворӣии вилояти Суғд дар сатҳи паст қарор дорад. Баҳри инкишоф додани фаъолияти инноватсионӣ дар комплекси озуқаворӣ зарурияти амалишавии самтҳои зерин асоснок ғардидааст: ташаккули кластерҳо дар комплекси озуқаворӣ; инфрасохтори инноватсионӣ; ҷалби кадрҳои баландихисос ба соҳа; ҷалби инвеститсияҳо; ҳавасмандии давлатии истеҳсоли молу маҳсулотҳои инноватсионӣ;

- механизмҳое, ки дар таъмини рушди устувори комплекси озуқаворӣии вилояти Сугд таҳкурсии асосӣ мебошад, асоснок карда шудааст. Ба монанди амалӣ намудан ва илман исботкардашудаи селексияи ватании растанӣ ва ҳайвонот; дастгирии давлатии муассисаҳои кишоварзӣ; беҳтар ғардонидани инфрасохтори истеҳсолӣ, иҷтимоӣ дар деҳот; баланд бардоштани музди меҳнати соҳаи кишоварзӣ; ташаккулёбии муҳити ташкилӣ-ҳуқуқӣ барои фаъолияти самараноки субъектҳои хоҷагидори комплекси озуқаворӣ; ташкили бозори яклухти озуқаворӣ; сиёсати дастгирии нархии маҳсулоти комплекси озуқаворӣ; ҳамкории илм бо истеҳсолоти комплекси озуқаворӣ; равнақ додани фаъолияти бозорҳои наздисарҳадии маҳсулоти кишоварзӣ; (муҳоҷирати дохилӣ барои азхудкунии заминҳои нав (мисол, дар давраи шӯравӣ ташкили Зафаробод).

- самтҳои дастгирии давлатии истеҳсолоти комплекси озуқаворӣии вилояти Суғд муайян карда шудааст, ки равияҳои зеринро дар бар мегирад: танзими давлатии нархҳои бозории маҳсулоти кишоварзӣ; танзимкунии ҳаҷми воридоти намудҳои асосии озуқаворӣ (гандум, орд, равғани растанӣ, шакар, гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ); ҳавасмандкунии андозиву буҷавии истеҳсоли ватании маҳсулотҳои озуқаворӣ;

амалигардонии “мониторинги озуқаворӣ”-и аҳолӣ; механизми субсидиякунонии табақаҳои осебпазири аҳолӣ бо озуқаворӣ; дастгирии молиявӣ ва қарзҳои имтиёзнок аз тарафи бонкҳо барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ;

- самтҳои афзалиятноки инкишофи иқтидори захиравии комплекси озуқаворӣ муфассал карда шудааст, ки онҳо интенсификатсия ва инноватсиякунонии фондҳои асосии истеҳсолот; ҷорӣ намудани технологияи сарфакунандаи хароҷотҳои тухмӣ ва нуриҳои минералӣ; баланд бардоштани сатҳи механиконии истеҳсолоти кишоварзӣ; дастгирии таъмини захиравӣ аз ҷониби давлат; ҳалли мушкилоти экологие, ки дар натиҷаи тағйирёбии иқлим ба вуҷуд омадаистода; ҷорӣ намудани ҳамкории бахши давлатию хусусӣ;

- такмилдиҳии сиёсати иқтисодӣ доир ба рушди комплекси озуқаворӣ муқаррар карда шудаанд, инчунин: ҳавасмандгардонии фаъолнокии инвеститсионӣ, амалӣ намудани сиёсати сохторӣ, ҷорӣ намудани натиҷаҳои илмӣ-техникӣ, таҳқиқоти истеҳсолӣ, таҳияи коркардҳои экологӣ, ҳимояи молистеҳсолкунандагони ватанӣ, ҳавасмандкунии амалиёти содиротӣ, алгоритми баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои комплекси соҳаи озуқаворӣ пешниҳод гардидааст.

**5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.**

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи иҷрошуда самтҳои илмии соҳаи кишоварзиро доир ба рушди устувори комплекси озуқаворӣ ба таври комплексӣ ва низомӣ пурра менамояд. Ба гайр аз ин, таҳқиқот воситаҳои методологӣ ва методиро васеъ мегардонад, ки барои асосноккунии ҷиҳатҳои назариявии механизми рушди устувори комплекси озуқаворӣ истифода мешаванд. Диссертатсия барои ҳалли мушкилоти илмии назаррас равона шуда, барои механизми рушди устувори комплекси озуқаворӣ, бо мақсади таъсиси бозори инкишофёфтаи рақобатпазири маҳсулоти озуқаврии коркарди ниҳоӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣи мамлакат саҳми назаррас мегузорад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он инъикос меёбад, ки муқарраротҳои назариявӣ, методологӣ, тавсияҳои илмӣ-амалии таълифкардашудаи диссертатсия аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати минтақавии онҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳо дар таҳия ва амалӣ намудани марҳилаи сеюми Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва дар раванди таҳияи Барномаи миёнамӯҳлати рушди иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Сугд барои солҳои 2026-2030, баҳри амалӣ намудани барномаи мақсадноки рушди устувори комплекси озуқаворӣ метавон васеъ истифода бурд.

Натиҷаҳои алоҳида ва пешниҳодҳои аз тарафи муаллиф муқарраргардида, метавонанд дар раванди омӯзиши фанҳои «Иқтисодиёти минтақа», «Иқтисодиёти инноватсионӣ» ва «Иқтисодиёти соҳаи КАС», филиали Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар вилояти Суғд ва дигар мактабҳои олӣ барои баланд бардоштани савияи мутахассисони соҳаи иқтисодиёт, барои худтаъминкунии аҳолӣ ва ноил шудан ба ҳадафи стратегии мамлакат - таъмини амнияти озуқаворӣ истифода шаванд.

**6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии диссертатсия.**

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии хулосаҳои диссертатсия бо истифода аз сарчашмаҳои кофӣ ва боэътимоди маводҳои марбут ба мавзӯи таҳқиқот, интихоби дурусти усулҳои таҳлил ва таҳқиқ, ҳамчунин бо коркарди амиқи омории маълумотҳои ҷамъоваришуда, тасдиқ ва таҳким ёфтааст.

Натиҷаҳои муҳими таҳқиқот аз ҷониби Сарраёсати кишоварзии вилояти Суғд барои омода намудани ҳисоботҳои илмӣ ва механизми пешниҳодгардида, барои арзёбии фаъолияти самаранок истифода мегардад. Инчунин барои таҳияи Барномаҳои миёнамӯҳлати соҳавӣ ва рушди соҳаи боғу токпарварӣ то соли 2030 аз тавсияҳои илмӣ истифода бурда мешавад (маълумотнома дар бораи татбиқ таҳти №1/02-176, аз 25.06.2024).

Ҳамзамон нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии рисолаи докторӣ дар ҷараёни таҳияи Барномаҳои намунавии таълим ва гузаронидани дарсҳои назариявӣ ва амалӣ аз фанҳои марбута дар Муассисаи давлатии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд мавриди истифода бурда мешавад. (маълумотномаи МДТ ДИС ДДТТ дар ш.Хуҷанд, №646 аз 22.08.2024).

**7. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.**

Дар омӯзиши адабиёт, коркард ва интихоби мавзуъ, муайян намудани ҳадаф ва объекти таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли онҳо амалӣ гардидааст. Иҷрои бевоситаи масъалаҳои гузошташудаи таҳқиқот, нашри мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда, гузоришҳои илмӣ оид ба мавзуъ дар конференсияҳои илмию назариявии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ, иштирок ва баррасии натиҷаҳои диссертатсия дар ҷаласаҳои кафедра, факултет ва донишгоҳ инъикос гардидаанд.

**8. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Дар асоси таҳқиқ ва натиҷаҳои илмиву амалии кори диссертатсионӣ, дар маҷмуъ 39 интишороти унвонҷӯ, аз ҷумла 17 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар дигар нашрияҳои илмӣ бо забонҳои гуногун вобаста ба мавзуи таҳқиқот ба чоп расонида шудааст. Натиҷаҳои тадқиқоти

илмӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ ва илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба тариқи маърӯзаҳои илмӣ баён шудаанд. Дар интишороти муаллиф, ҳамаи мақолаҳои илмӣ мазмун ва мундариҷаи диссертатсияи пешниҳодгардидаро инъикос менамояд, яъне пурра мутобиқат дорад.

**9. Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.**

Натиҷаҳои илмии диссертатсия нишон медиҳанд, ки рушди устувори комплекси озуқавории минтақаҳо яке аз муаммоҳои муҳими илми иқтисоди муосир ба шумор рафта, ба худ маҷмуи масъалаҳо оид ба истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ва ташаккули низоми устувори бозори озуқавориро дар бар мегирад.

Дар асоси таҳлили назариявӣ ва таҷрибавӣ муайян гардид, ки низоми мазкур самтҳои афзалиятнокро барои баланд бардоштани рақобатпазирии соҳа дар минтақаҳои сернуфус дар бар мегирад ва барои муайян кардани афзалиятҳои рақобатии минтақаҳо дар ташаккули сиёсати озуқаворӣ асоснок мегардад.

Таҳқиқот нишон дод, ки таъмини рушди фаъолияти комплекси озуқаворӣ бо тавассути самаранок истифодабарии заминҳои кишоварзӣ, захираҳои меҳнатӣ, ташкили илмии меҳнат ва ҷараёни идоракунӣ барои ганигардонии бозори истеъмолии вилоят бо маҳсулоти хӯрокаи истеҳсолоти худӣ, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, таъмини амнияти озуқаворӣ дар минтақа мусоидат менамояд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз сарсухан, панҷ боб, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аз 345 сарчашма иборат аст. Диссертатсия дар 376 саҳифаи компютерӣ инъикос ёфта, дар он 46 ҷадвал, 27 расм, 4 диаграмма, 2 схема ва 14 замима оварда шудааст.

**Дар муқаддима** моҳияти мавзуи таҳқиқотӣ асоснок карда шуда, ҳадаф ва вазифаҳо дақиқ гузошта шуда, дараҷаи таҳқиқоти мавзуъ, навигариҳои илмӣ, мазмуни асосии барои ҳимоя пешкашшуда, аҳамияти амалии натиҷаҳои гирифташуда, маълумотҳо оид ба тасдиқ ва нашри натиҷаҳои таҳқиқот оварда шудаанд.

**Дар боби якум** "Асосҳои назариявӣ-методии таҳқиқот оид ба комплекси озуқавории минтақа дар шароити муосир" муқарраротҳои консептуалии тараққиёти комплекси озуқаворӣ дар илми иқтисодии муосир ва заминаҳои назариявии ташаккулёбӣ ва рушди комплекси озуқавории минтақа омӯхта баромада шуда, омилҳои таъсиррасонанда ба тараққиёти устувори комплекси озуқаворӣ дар минтақа таҳқиқ карда шудааст. (с. 21-63).

Бояд қайд намоем, ки диссертант дар раванди таҳқиқот заминаҳои назариявии ташаккулёбӣ ва рушди комплекси озуқаворӣ дар илми иқтисод ақидаҳои олимони ватанию хориҷӣ оид ба механизми ташкилӣ-иқтисодии онро омӯхтааст ва дар таҳқиқоти худ илман асоснок намудааст. Дар шароити муосир моҳияти комплекси озуқавории

минтақа аз ҷониби олимони ватанию хориҷӣ ба тарзи гуногун муайян карда мешавад. Таърифҳои гуногуни олимони ватанию хориҷӣ нисбат ба ин категорияи иқтисодӣ дар ҷадвали [1.1.1, саҳ. 25] низомбандӣ карда шудааст. Тавре ки, аз расми 1.1.1 бармеояд, комплекси озуқаории минтақа чунин вазифаҳои муҳимро дар низоми иҷтимоию иқтисодӣ иҷро менамояд:

- бо роҳи тадбиқи сиёсати нархи ва дигар чораҳои танзими давлатӣ таъмини дастрасии аҳолии ҳудудҳои ҷумҳурӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ;
- бо роҳи ҳавасмандкунӣ зиёд намудани истеҳсол ва сохтори аввалаи маҳсулоти озуқаворӣ бо мақсади таъмини амнияти озуқаворӣ дар минтақа;
- муҳайё намудани шароити мусоид барои рушди устувори соҳаи агросаноатӣ, ки бевосита барои баланд бардоштани некуаҳволии минтақа таъсири мусбӣ мерасонад;
- ҷорӣ намудани пешгӯикунӣ ва ба роҳ мондани банақшагирии истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ барои расидан ба ҳадафи дар банди дуввум муайян шуда.

Муаллиф қайд намудааст, ки ба ташаккул ва рушди комплекси озуқаврии минтақа вазъи бозори маҳсулоти озуқаворӣ таъсири хеле калон мерасонад, зеро байни бозор қувваи ҳаракатдиҳанда дар ин сектори истеҳсолот мебошад. Ба ақидаи муаллиф, дар шароити муосир бозори маҳсулотҳои озуқаврии минтақа аз ҷиҳати ташкили каме ақибмонда ба ҳисоб меравад. Мавҷудияти якчанд омилҳо, ки ба механизми фаъолияти бозори озуқаврии минтақа таъсир мерасонад дар [расми 1.2.3, саҳ. 44] оварда шудааст, ки раванди бахшҳои алоҳидаи бозорро дар вилояти Сугд мушоҳида намудан мумкин аст. Дар ин асос, тағйирёбии сохтори соҳавӣ вазифаи асосии бозори маҳсулоти озуқаврии минтақа бетағйир боқӣ мемонад. Ин вазифа дар он ифода меёбад, ки раванди муомилоти маҳсулоти озуқаворӣ тавассути тамоми унсурҳои комплекси озуқаворӣ ба таври муассир ба роҳ монда мешавад ва дар натиҷа аҳолӣ бо маҳсулоти зарурии гизоӣ таъмин мегардад.

Докторант моҳияти комплекси озуқавориро чунин қайд кардааст, ки баҳамраъйии соҳаҳои гуногун, ки ба таъмини амнияти озуқаворӣ дар минтақа равона шудааст, аз раванди истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ва истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ - яъне комплекси озуқаврии минтақа иборат буда, ҳамзамон низоми танзим ва назорати соҳаҳои дахлдорро дар бар мегирад. Муаллиф, ба вазъи рушди комплекси озуқаворӣ як қатор омилҳои дигарро, ки ба хусусиятҳои иқтисодӣ, ташкилӣ, иҷтимоӣ, бозорӣ ва психологӣ дар идоракунии ин соҳаи иқтисодиёт таъсир мерасонад, ба назар гирифтааст. Ин омилҳо хеле гуногун буда, асосан боздорандаи рушди устувори комплекси озуқаворӣ мебошанд дар [расми 1.3.1, саҳ.51] илман асоснок гардидааст.

**Дар боби дуюм** - "Методологияи таҳлили рушди устувори комплекси озуқаворӣ ва соҳаҳои он" принсипҳои ташаккули рушди устувори комплекси озуқаврии минтақа асоснок карда шуда, методикаи баҳодиҳии самаранокии истеҳсолот дар комплекси озуқаврии минтақа

коркард карда шудааст. Ҳамчунин дар ин боби диссертатсия таҷрибаи хориҷии ҷойгиронии минтақавии комплекси озуқаворӣ омӯхта шуда, имкониятҳо ва афзалиятҳо тадбиқи онҳо дар шароити иқтисодиёти вилояти Суғд муайян карда шудааст (с. 63–109).

Таҳқиқот нишон додааст, ки таҳқиқи комплекси озуқавории минтақа зарурати ҷой доштани маҷмӯи усулҳо ва афзорҳои таҳқиқ, таҳлил ва пешгӯикунии ин соҳаро талаб менамояд. Дар ҳама холат вобаста ба давра ва вазъи иқтисодӣ механизми фаъоляити комплекси озуқавории минтақа дар асоси арзёбии самаранокии фаъолияти он муайян карда мешавад ва аз рӯи хусусияти давраи иқтисодӣ модели он коркард ва ҷорӣ карда мешавад. Комплекси озуқаворӣ ҳамчун зернизоми муҳими комплекси агросаноатӣ на танҳо дар ташаккули амнияти озуқавории миллӣ, балки дар таъмини шуғли аҳолӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва устувории рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа нақши муҳим мебозад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар ин замина, арзёбии самаранокии фаъолияти зерсохторҳо ва субъектҳои комплекси озуқавории минтақа ба сифати механизми таҳлилӣ ва воситаи қабули қарорҳои идоракунӣ аҳамияти калидӣ пайдо мекунад. Тахияи методикаи пешниҳодшудаи муътамади баҳодиҳӣ имкон медиҳад, ки на танҳо сатҳи истифодаи захираҳо, балки дараҷаи таъсири онҳо ба натиҷаҳои истеҳсолӣ ва иҷтимоиву иқтисодии минтақа низ муайян карда шавад.

Аз таҳқиқоти докторант маълум гардидааст, ки методикаи баҳодиҳии самаранокӣ бояд хусусиятҳои комплексиро фаро гирад: аз як тараф, нишондиҳандаҳои молиявию иқтисодӣ (ба монанди фоида, фоиданокӣ, сатҳи истеҳсолот), аз тарафи дигар, нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ (ташкили ҷойҳои корӣ, таъминоти ғизоӣ, устувории нархҳо) ва нишондиҳандаҳои экологӣ (нигоҳдории захираҳои табиӣ, коҳиши таъсири манфии экологӣ). Ин усул бояд ба хусусиятҳои макон, шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ ва сатҳи рушди инфрасохтор мутобиқ карда шавад.

Бояд қайд намуд, ки арзёбии самаранокии фаъолияти комплекси озуқавории минтақавӣ хусусияти комплексӣ дошта бошад. Дар арзёбии он маҷмӯъи нишондиҳандаҳо ва усулҳо истифода мешавад, онҳо тавонанд бартариҳо ва камбудиҳои фаъолияти ин соҳаро муайян намуда бошанд. Аз ин рӯ, тахияи методикаи баҳодиҳии самаранокии истеҳсолот дар комплекси озуқавории минтақа, ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз лиҳози амалӣ, дорои аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошад.

Қобили қайд аст, ки таъмини рушди устувори соҳаҳои иқтисодиёти минтақа, аз ҷумла комплекси озуқаворӣ, густариши ҳамгироии байнихоҷагиҳоро талаб менамояд, ки хусусан дар самти ташкили занҷираи пурраи арзиш ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии истеъмолӣ аҳамияти хоса пайдо мекунад. Инчунин бояд қайд кард, ки дар шароити кунунӣ дар вилояти Суғд рушди сохторҳои ҳамгироишудаи байнисоҳавӣ суръати хеле сустро дорад. Маҳз барои ҳамин минбаъд таъмини самаранокии истеҳсолӣ, баландбардории рақобатпазирии махсулот аз

мавҷудият ва ҷойгиркунии комплекси озуқаворӣи минтақави вобаста мегардад [саҳ.80].

Муаллиф меҳисобад, ки методикаи баҳодиҳӣ бояд фарогири якчанд гурӯҳи нишондиҳандаҳо ва усулҳои таҳлил бошад, ки метавонанд самаранокии воқеии фаъолияти истеҳсолиро дар минтақа нишон додааст. Инчунин, онҳоро метавон ба чор гурӯҳ ҷудо намуд [расми 2.2.2, саҳ.83]. Бо баробари истифодаи ин нишондиҳандаҳо барои баҳодиҳии маҷмӯӣ ва пешгӯии самаранокии истеҳсолот дар комплекси озуқаворӣ **модели индексии интегралӣ ё модели DEA (Data Envelopment Analysis)** истифода бурдан имконпазир аст. Модели индекси интегралӣ дар чор марҳила ҳисоб кардааст. Баъд аз барқарор кардани рушди иқтисодӣ ва бартараф намудани бӯҳрони сохторӣ коркарди муносибатҳои дурнамои консептуалӣ-назариявӣ ва меъёрӣ-амалиро тақозо менамояд, ки ба дастрасии рушди устувори бахши аслии иқтисодиёт равона карда шудаанд. Дар ин раванд диссертант ин ҳолатро таҷрибаи ҷаҳонӣ тасдиқ намуда, таҷрибаи ислоҳоти гузаронидашуда низ шаҳодат медиҳанд. Бо баробари ин, таҷриба нишон медиҳад, ки дар шароити иқтисодиёти дигаргуншаванда ва афзоишёбии рақобат, ҳангоми интихоби стратегияи рушд хатогиҳо ва дигаргуншавии нишондодҳо метавонанд мушкилотро шиддатнок намуда, барои рушди устувор хатарҳоро дар субъектони иқтисодии қобили ҳастӣ дошта ба миён оваранд.

**Дар боби сеюм** "Вазъияти муосир ва рушди устувори комплекси озуқаворӣи вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон" рушди устувори комплекси озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он таҳлил карда шуда, фаъолияти инноватсионӣ, асоси рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар минтақа асоснок карда шудааст.

Муаллиф пешниҳод мекунад, ки яке аз самтҳои мақсаднок ва асосноки рушди бахши агросаноатӣ, ки ба таҳкими амнияти озуқаворӣ ва беҳтар намудани таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ равона шудааст, татбиқи як қатор чорабиниҳои калидӣ мебошад. Диссертант мешуморад, ки рушди устувори ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, мутобиқ ба талаботи афзояндаи аҳолӣ таъмин карда мешавад. Инчунин, барои расидан ба ғизои мутавозин, бояд сатҳи қобилияти харидории аҳолӣ баланд бардошта шавад. Яке аз самтҳои афзалиятнок тавсеаи истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир мебошад, ки метавонад воридотро иваз карда, бозори дохилиро таҳким бахшад.

Аз таҳлилҳои докторант маълум ғардидааст, ки сохтори миллии истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ дар ҷумҳурӣ бо ҳиссаи баланд доштани маҳсулоти ордӣ дар таркиби ғизои аҳолӣ тавсиф меёбад. Дар соли 2023 истеъмоли нон ва маҳсулоти нонии аҳолии вилояти Суғд ба 181,3 кг ташкил додааст, ки ин нишондиҳанда 29,1% бештар аз меъёри тавсияшуда мебошад (145 кг).

Таҳқиқот нишон додааст, ки соҳаи кишоварзӣ ва комплекси озуқаворӣ дар вилояти Суғд яке аз унсурҳои калидии комплекси агросаноатӣ ва низоми иқтисодиёти минтақавӣ ба шумор меравад. Раванди рушди ин соҳаҳо то ҷиҳати муайянкунанда аз иқтидори

мавҷудаи саноатӣ вобаста буда, омилҳои иқлимӣ низ дар шаклгирии самт ва суръати инкишоф таъсири назаррас доранд. Диссертант меҳисобат, ки тибқи нишондиҳандаҳои умумӣ, саҳми соҳаи кишоварзӣ дар иқтисодиёти минтақа ҳамчун омилҳои асосии ташаккулдиҳандаи маҷмӯи маҳсулоти дохилии вилоят назарраст аст, то ҳол дар механизми фаъолияти он тадбиқи принсипҳои рушди устувор натиҷаҳои баландро таъмин накардааст. Аз ин рӯ, муаллиф мешуморад, ки рушди устувори кишоварзӣ на танҳо ҷузъи муҳими сиёсати иқтисодии минтақавӣ, балки заминаи стратегии таъмини амнияти иҷтимоиву иқтисодӣ низ ба ҳисоб меравад. Таҳлилҳо собит намудааст, ки соли 2023, саҳми соҳаи кишоварзӣ дар сохтори маҷмӯи маҳсулоти минтақавии вилояти Суғд ба 57,9% баробар гардид, ки ин нишондиҳанда дар муқоиса бо сатҳи ҷумҳуриявӣ 16%-ро ташкил медиҳад. Дар соли 2023 - 56,1% аз шумораи аҳолии иқтисодан фаъоли вилоят дар бахши кишоварзӣ машғул буданд.

Аз таҳлилҳои докторант маълум гардидааст, ки саҳми назарраси соҳаи кишоварзӣ дар сохтори маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ, новобаста аз нақши он дар таъмини рушди иқтисодӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ, зарурати баррасии он ҳамчун бахши стратегӣ ва на танҳо соҳавӣ-иқтисодӣ боқӣ мемонад. Маҳз ин соҳа заминаи асосии таъмини амнияти озуқаврии аҳолӣ буда, нақши ҳалкунанда дар устувории иқтисодию иҷтимоии минтақа мебозад [саҳ.166].

Натиҷаҳои таҳлили гузаронидашудаи докторант, устувории соҳаҳои маҷмааи озуқаворӣ нишон медиҳанд, ки иқтидори мавҷудаи истеҳсолӣ имкони қонеъ гардондани қисми зиёди талаботи аҳолиро бо истифода аз захираҳои дохилӣ фароҳам месозад. Дар ин замина, ҳаллу фасли ин масъала бояд дар навбати аввал ба таъмини намудҳои асосии маҳсулоти озуқаворӣ равона карда шавад, ки барои суботи иҷтимоию иқтисодии минтақа аҳамияти стратегӣ доранд [саҳ. 170-171].

**Дар боби чорум** “Механизмҳои ташаккулёбии рушди устувори комплекси озуқаворӣ” асосҳои консептуалии таҳлили рушди устувори комплекси озуқаворӣ ва соҳаҳои он дида баромада шуда, механизми рушди устувори комплекси озуқаворӣ ва соҳаҳои он дар минтақа коркард карда шудааст.

Таҳлил нишон додааст, ки рушди устувори комплекси озуқавории минтақа дар натиҷаи фаъолияти самараноки субъектҳои иқтисодӣ, ки дар бахши кишоварзӣ фаъолият мекунанд, амалӣ мегардад ва ҳамзамон ба ҳифз ва таъмини манфиатҳои иҷтимоии кишвар мусоидат менамояд. Аз ин бар меояд, ки барои расидан ба рушди устувор дар бахши озуқаворӣ на танҳо сиёсати давлат, балки фаъолияти оқилонаи ҳамаи иштирокчиёни бахши кишоварзӣ аҳамияти ҳалкунанда дорад. Инчунин, онҳо на танҳо ба рушди иқтисодӣ, балки ба беҳбуди зиндагии мардум низ мусоидат мекунанд [саҳ.188].

Қайд кардан ба маврид аст, ки консепсияи рушд ва ҷойгиркунии хоҷагии кишоварзӣ пешгӯикунии дарозмуддат буда, хислати объективӣ ва хусусияти фаъолияти объекти таҳқиқотро ифода менамояд, ки зери таъсири шароитҳои табиӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба миён меояд.

Фарқияти принсипиалии чунин пешгӯикунӣ аз миёнамуҳлат дар коҳиш додани дараҷаи инерсионии рушди объекти пешгӯишаванда иборат мебошад, ки бо афзоиши давраи пешбинишаванда ва шароити кунунии таъсири омилҳо алоқаманд буда, бузургии онҳо дар давраи пешбинишаванда афзоиш меёбад. Исбот карда шудааст, ки байни онҳо нақши ҳалкунанда дар пешрафти илму техника, баланд намудани тахассуснокии кадрҳо, инкишофи иҷтимоии ҷамъият, такомули механизми иқтисодӣ маҳсуб дониста мешавад.

Ҳамин тавр, барои баланд намудани устувории иқтисодии низоми комплекси озуқаворӣ бояд тағйироти сохтории истеҳсолот аз рӯйи ҳама категорияҳои хоҷагидорӣ ба воситаи ҳавасмандгардонии истеҳсолот дар бахши ташкилӣ мутобиқат намояд. Муаллиф меҳисобад, ки дар шароите, ки ҳангоми 48,9% маҳсулоти кишоварзӣ (97,4% маҳсулоти растанипарварӣ ва 2,6% маҳсулоти чорводорӣ) дар хоҷагиҳои деҳқонӣ истеҳсол карда шуда, ба устувории низом такя намудан зарур намебошад. Ҳаҷми истеҳсолот ин қисматро ба инобат гирифта наметавонад, бинобар ҳамин, пешгӯикунии вазъияти комплекси озуқавориро амалӣ кардан номумкин аст. Аз ин лиҳоз, дигаргуншавӣ дар бозори озуқаворӣ аз эҳтимол дур нест.

Таҳлилҳо нишон додааст, ки ангурпарварӣ яке аз соҳаҳои калидии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки қобилияти таъминоти бозори дохилии мамлакатро бо озуқаворӣ дошта, бахри баланд намудани иқтидори содиротии ҷумҳурӣ ва таъминоти аҳолӣ бо ҷои кори доимӣ равона карда шудааст. Дар вилояти Суғд ба шарофати шароити табиӣ-иқлимӣ, ангурпарварӣ инкишоф ёфта истодааст. Дар натиҷа, масоҳати токзорҳо дар вилоят соли 2010 12,1 ҳазор га-ро ташкил медод. Соли 2023 бошад, 5,2 ҳазор га-ро ташкил дод, ки 57,0% коҳиш ёфта, истеҳсоли умумии ангур аз 37 ҳазор тонна то 51 ҳазор тонна (37,8%) зиёд шуда буд. Ҳосилнокии токзорҳо дар ҳамин давра аз 37,6 то 109 сентнер/га (2,9 маротиба) зиёд шудааст. Сабаби коҳиш ёфтани масоҳати заминҳои корами токзорҳо, ин хунук омадани зимистони соли 2022 мебошад. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, имрӯзҳо ба ҳиссаи соҳаи мазкур 37,8% ҷамъи умумии ҳосили ангур рост меояд, ки дар [ҷадвали 4.1.6, саҳ. 201-202; ҷадвали 4.1.8, саҳ.204].

Таъкид карда шудааст, ки Консепсияи такомули ҷойгиркунии зерсоҳаҳои растанипарварӣ аз зарурати густариши минбаъдаи махсусгардонии маконҳои алоҳидаи вилоят барои истеҳсоли ин ё он намуди маҳсулот, ки аҳамияти умумӣ дорад, дар ҳолати истифодабарии ҳаматарафа барои худтаъминкунии ноҳияҳои дурдаст бо маҳсулоти хӯрокаи тезвайроншаванда бармеояд [саҳ.215].

**Дар боби панҷум** “Самтҳои афзалиятноки идоракунии ташаккулёбӣ ва рушди устувори комплекси озуқавории вилояти Сугди Ҷумҳурии Тоҷикистон” ташаккулёбии механизми идоракунии оптималии иқтидори захиравии комплекси озуқаворӣ ва соҳаҳои он таҳқиқ карда шуда, модели танзими давлатии рушди устувори он коркард карда мешавад. Ҳамчунин дар ин қисмати диссертатсия афзалиятҳои рақобатӣ ва баланд

намудани рақобатпазирии комплекси озуқаврии вилояти Сугд муайян карда мешавад.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки механизми танзими рақобатпазирии корхонаи комплекси агросаноатӣ, бо ба инобат гирифтани нишондиҳандаҳои муҳити бозории микроиқтисодӣ ва макроиқтисодӣ, барои ҳифз ва тақвияти бартариҳои рақобатии корхона равона карда мешавад. Ин механизм ҳамзамон таҳия ва татбиқи стратегияҳои мухталифи рушди корхонаро дар бар мегирад, ки ҳадафи асосии онҳо баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии фаъолияти истеҳсолӣ мебошад, дар [расми 5.3.2, саҳ.289] "Модели марҳилавии коркарди стратегияи баланд намудани рақобатпазирии корхонаи комплекси агросаноатӣ" пешниҳод гардидааст.

Аз ҷониби муаллиф муайян гардидааст, ки оид ба суръати афзоиши истеҳсолот ба сари аҳолӣ (2,3 маротиба) назар ба афзоиши даромад ба сари аҳолӣ (4,3 маротиба) нисбати соли 2020 камтар буда ба нархи маҳсулоти озуқа таъсир расонидааст. Инчунин пешниҳод гардидааст, ки дар шароити таъминоти нопурраи озуқаворӣ, суръати пасти афзоиши истеҳсоли кишоварзӣ, рушд накардани он ва даромаднокии пасти соҳаи кишоварзӣ, таҳқиқоти маркетингӣ зарурати танзими давлатии талабот ва пешниҳод дар бозори аграриро барои ҳавасмандгардонии рушди онҳо нишон медиҳанд.

Дар раванди пешбиникунии истеъмолӣ ба ҳар сари аҳолӣ аз намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ таҳлили қаторҳои динамикӣ, истифода бурда шудааст. Аз ҳисобҳои диссертант маълум гардидааст, ки пешбинӣ барои панҷ ё даҳ соли оянда муайян карда мешавад, бузургии миёнаи суръати рушди қаторҳои динамикӣ истифода шудааст [ҷадвали 5.3.3, саҳ.295] "Пешбиникунии истеъмолот ба ҳар сари аҳолӣ дар вилояти Сугд аз рӯйи намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ" пешниҳод гардидааст.

Ҳамин тавр, пешбиникунии мусбати истеҳсолотро танҳо барои он маҳсулот амалӣ намудан мумкин аст, ки истеҳсоли онҳо тамоюли устувори рушд дошта бошад. Пешбиникунии муаллиф аз рӯйи усули экстрополятсия тадбиқ шуда, имкон медиҳад, ки оид ба таъминоти вилоят бо маҳсулоти озуқаворӣ ва мустақилияти озуқаворӣ мусоидат намояд.

Ҳамин тавр, пешбиникунӣ эҳтимолӣ буда, ҳисобҳои пешбиникунӣ дар ду нишондиҳандаҳо асос ёфтааст - нишондиҳандаҳои миёнаи оморӣ барои панҷ соли оянда ва нишондиҳандаҳои соли 2023, ки тағйирёбии онҳо асоси ҳисоби пешбиникуниро ташкил медиҳанд. Афзоиши суръати рушди истеҳсолот ба шарофати афзоишёбии маҳсулнокӣ ва ё аз сабаби дигар омилҳои объективӣ имконпазир аст.

**10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертасия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Ҳакимзода Маъруф Маҳмудӣ дар мавзуи «Механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар минтақа:

назария, методология, амалия (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 “Тартиби додани дараҷаи илмӣ” (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021) ҷавобгӯй мебошад. Муқаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тибқи муқаррароти “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссия аз 31 марти соли 2022, № 3)” таҳия гардида, ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.

Автореферати диссертатсия тибқи талаботи муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои илмии асоснокгардида шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**11. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Тахассуси илмии довталаб - Ҳакимзода Маъруф Маҳмудӣ ба ихтисоси илмии дархостшаванда - 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат мекунад. Таҳқиқи диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки он дар навбати худ мукаммал, ба низомдаровардашуда, ҳамчун таҳқиқотҳои илмии мустақилона, ки бо назардошти оянда дар сатҳи баланд иҷро шуда, ба масъалаҳои мубрами муосир бахшида шудааст, баромад мекунад.

Таҳлилу таҳқиқи мавзуъ, баррасии мушкилоти ҷойдошта, исботи воқеияти навгониҳо ва пешниҳоду таклифотҳоро оид ба механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди устувори комплекси озуқаворӣ нишон дод, ки дар баробари ҷанбаҳои мусбии диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд ва ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқотҳоиояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегардад.

**12. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

1. Қисмати «мубрамияти» диссертатсия бо далелҳои аниқу саҳеҳ оид ба механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди устуворӣ, ки ба ҳалли таъмини бехатарии озуқаворӣ ва рушди устувори комплекси озуқаворӣ нигаронида шудааст, асоснок карда мешуд, ки ба мақсади гузошташуда мувофиқат мекунад.

2. Бисёр хуб мешуд, ки муаллиф зимни таҳқиқ ва баррасии ҷанбаҳои назариявӣ-методологии механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди устувори комплекси озуқаворӣ ба масъалаҳои омӯзиши механизмҳои идоракунии самараноки равандҳои рушди устувор дар бахши озуқаворӣ диққат медод, мундариҷа ва мазмуни рисолаи илмӣ боз ҳам саҳеҳтар мегардид.

3. Докторант натиҷаҳои назарраси илмиро ҳамчун навгонӣ дар даҳ банд иброз намудааст. Вале мувофиқи мақсад мешуд, агар муаллиф зимни баррасии навгонии чорум, ки дар он нишондиҳандаи арзёбии самаранокии муносибатҳои иқтисодӣ дар комплекси озуқаворӣи минтақа коркард шудааст, имкониятҳои истифодаи он дар амалия санҷида шавад. Ва ин натиҷаи амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба баланд гардонидани арзиши кори илмӣ мусоидат хоҳад кард.

4. Дар саҳифаи 178, расми 3.3.4-и диссертатсия "Инфрасохтори инноватсионӣ, мутобиқи талаботи иқтисодиёти муосир" оварда шудааст, ки дар шароити муосири прогресси илмӣ-техникӣ бо суръати баланд рушд дорад ва дар минтақаҳо ташаккули ниҳодҳо, ташкилоту муассисаҳои махсус оид ба инкишофи фаъолияти инноватсионӣ дар комплекси озуқаворӣ хеле муҳим аст, лекин тариқи кластерикунонӣ амиқии нишондиҳандаҳо таъмин карда мешавад.

5. Дар саҳифаи 195-и диссертатсия ҷадвали 4.4.2. истеҳсоли картошка дар ҳама категорияҳои хоҷагидорӣ дар вилояти Суғд дар солҳои 2010-2013 ҳисоб карда шудааст. Таҳлили хуби иқтисодӣ гузаронида шуддаст, аммо пешниҳоди муаллиф ба назар намерасад.

6. Дар саҳифаи 198, ҷадвали 5.3.2 «Модели марҳилавии коркарди стратегияи баланд намудани рақобатпазирии корхонаи комплекси агросаноатӣ» пешниҳод гардидааст. Ҳол он, ки ин масъала дар шароити рушди технологияи инноватсионӣ барои рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар соҳаи кишоварзии минтақа мавқеи калидӣ дорад. Стратегияи баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии фаъолияти истеҳсолӣ таҳия гардидааст, аммо моҳияти он ба таври пурра инъикос наёфтааст.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**13. Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Ҳакимзода Маъруф Маҳмудӣ дар мавзуи "Механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар минтақа: назария, методология, амалия (дар мисоли вилояти Сугди Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ва талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат буда, муалифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқарароти бандҳои 76-79 ва 81-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст", таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз дар ҷаласаи шуъбаи омӯзиши равандҳои кластеркунонӣ дар комплекси агросаноатии ИИТСРК-и АИКТ муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №10 аз 13-уми октябри соли 2025).

**Дар ҷаласаи шуъба иштирок доштанд:** 13 нафар.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор 13 нафар, зид - нест, бетараф - нест.

**Раиси ҷаласа,**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
ходими пешбари илмии шуъбаи омӯзиши
равандҳои кластеркунонӣ дар КАС-и
Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии
рушди кишоварзии АИКТ, академики АИКТ — Пиризода Ҷ.С.

**Ташхисгар,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсент
мудири шуъбаи омӯзиши равандҳои
кластеркунонӣ дар КАС-и Институти
иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии
рушди кишоварзии АИКТ — М.Н.Мирзон

**Котиби ҷаласа,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, ходими пешбари
илмии шуъбаи омӯзиши равандҳои
кластеркунонӣ дар КАС-и Институти
иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди
кишоварзии АИКТ — Файзуллаева К.Н

**Имзоҳои:** Ҷ.Пиризода, Н.Мирзон ва К.Файзуллаева-ро тасдиқ менамоям:

Нозири кадрҳои Институти иқтисодиёт ва
таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ — Икромова М.Қ.
«18» октябри соли 2025

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Ҳаёти нав 306, саҳифаи интернетӣ: www.iik.tj, Email: iesh.tashn@mail.ru, телефон: (+992 37) 236-92-01.